**СУРАТМАҶЛИСИ № 15**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6Д.КОА-076

**16 марти соли 2026 ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.07.2024, №222/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар ҳузур доранд. Се нафар аз аъзои шурои диссертатсионӣ -Умарахунов Иркин Мирзахидович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ректори Муассисаи таҳсилоти олии ғайридавлатии «Институти такмили ихтисоси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон» (шаҳри Тошкент), Скачкова Галина Семёновна, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи щуцуци байналмилалии Муассисаи хусусии таълимии «Юридический институт» (Санкт-Петербург) ва Идизода Файзалӣ Фузайлшоҳ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ тавассути видеоконфронс иштирок менамоянд. Пешниҳод ҳаст, ки ҷаласаи шуро кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Бо як овоз қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

Ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ.

Баромад карданд: раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Нематов А.Р., инчунин номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Д.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобокалон Ғ.М. (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ тасдиқ карда шаванд:

Сангинзода Дониёр Шомаҳмад, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои кишварҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;

Шонасридинов Назридин, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими пешбари шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон дар бораи ҳимояи дарпешистода дар сомонаҳои Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.

Баҳоваддинови АМИТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин нашри автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 28 майи соли 2026, соати 10:00 таъин карда шавад.

Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Раҷабов С.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Махмадуллозода Н.Р.